**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор Хушвахтзода Қ. Х.**

**«_24_» ___11___ соли 2020**

## ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна дар **«Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он»** дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи таҳияи диссертатсия Ғайратова Фотима Асламшоевна дар кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Ғайратова Фотима Асламшоевна соли 2005 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси таърих хатм намуд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 25 декабри 2018 таҳти № 3699, аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Аз соли 2001 то моҳи марти соли 2009 дар кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии ДДМТ ба ҳайси лаборанти калон кор кардааст. Аз соли 2009 то 31-уми декабри соли 2009 дар маркази илми таҳқиқотии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳони ДМТ ба ҳайси ходими хурди илмӣ ба кор гузашт. Аз 24-уми апрели соли 2009 то 1-уми сентябри соли 2009 ҳамчун оператори синфхонаи компютерии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ кор кардааст. Аз 1-уми сентябри соли 2012 то 2-юми феврали соли 2015

ба сифати танзимгари ИИТ ДМТ кор карда, 2-юми феврали соли 2015 ба вазифаи лаборанти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ба кор гузашт.1-уми сентябри соли 2015-2018 ассистенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ ва аз январи соли 2019 ба ҳайси муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – Нуриддинов Райимали Шаҳбозович доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз рӯйи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми таърихи муносибатҳои байналхалқӣ бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот** ба мураккабшавӣ ва печида гардидани масъалаи ифротгароии ҷавонон дар қаринаи таъмини амнияти миллӣ ва минтақагароии кишварҳои Осиёи Марказӣ тайи солҳои охир вобастагӣ дорад. Дар равандҳои сиёсии имрӯзаи минтақа тағйироти ҷиддии алоқаманд ба тадриҷан фаъол гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ба назар мерасад, ки ба ташаннуҷи муборизаи рақобатноки бозингарони сиёсӣ ҷиҳати нуфуз ба насли ҷавон оварда расондааст.

Таҳдиди ҷалбшавии ҷавонон ба созмонҳои тундраву ифротгароӣ водор месозад, ки падидаи рушди ниҳодии ҳаракатҳои ҷавонон дар шароити вазъи устуворшудаи сиёсӣ ба хотири таҳияи чораҳои самараноки муқовимат ба ифротгароии сиёсӣ васеъ ва амиқ омӯхта шавад. Мутассифона камсамарӣ ва нотамомии раванди ташаккули тарҳҳои сиёсати ҷавонон ба таҳрифи эҳсоси ватандӯстӣ ва рӯҳияи сиёсии ҷавонони имрӯза оварда расондааст. Ин ҳолат ба шаклгирии мавқеъгириҳои манфӣ дар худогоҳии миллӣ ва майл ба инҳироф, ки зидди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимияти сиёсӣ равона шудааст, мусоидат мекунанд.

Аз охири солҳои 90-уми асри гузашта дар адабиёти илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа таваҷҷӯҳ ба қазияи ифротгароии ҷавонон бештар гардид. Рӯйдодҳои даврони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, даргириҳои солҳои 1999-2000 дар вилояти Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистон, шаҳри Тошканд, водии Фарғона ва вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ алоқаманд буданд ва онҳо терроррро ба сифати василаи асосии расидан ба ҳадафҳои ғоявӣ ва сиёсӣ интихоб намуда буданд, аз бисёр ҷиҳат барои доираҳои васеи муҳаққиқон ва коршиносон ғайричашмдошт буданд. Ин ҳодисаҳо ошкоро ноқобилии як силсила муҳокимарониҳоро ҷиҳати нақши таъсири омили исломӣ ва вазъияти ҷамъиятиву сиёсӣ дар кишварҳои минтақа, фарзияҳоро оиди дараҷаи пасти эҳтимолияти паҳншавии ғояҳои тундрав, ки зери шиорҳои динӣ баромад мекарданд, нишон доданд. Ҳамзамон он андешаҳо собит шуданд, ки дар пешомади наздик маҳз созмонҳои ифротгароии ҷавонон ба амну суботи Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақа таҳдиди ҷиддӣ хоҳанд дошт. Маҳз ҳамин воқеаҳо сиёсатшиносон, коршиносони масоили амният ва дигар таҳлилгаронро водор намуданд, ки ба ақидаву бардоштҳои пешинаи хеш таҷдиди назар карда, сатҳи таҳдиди мазкурро дар қаринаи таъмини амнияти минтақавӣ ва миллии давлатҳои Осиёи Марказӣ амиқан аз нав баррасӣ намоянд.

Ҳамзамон дарки масъалаи паҳншавии ғояҳои тундгароёна, фаҳмиши зарфияти таҳдиди воқеии аз он бармеомада ба амнияти давлатҳои минтақа, ба ҷустуҷӯи фаъоли тафсири зуҳуроти мазкур, таҳияи тавсияҳои амалии мушаххас барои доираҳои ҳокими ҷомеа, мақомоти давлатӣ, хадамоти махсус дар ҳалли таҳдиди ифротгароии ҷавонон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ водор намуд. Ҳалли мушкилоти зикршуда бе таҳлили амиқи сабабҳои ба вуҷуд омадани зуҳуроти таҳқиқшаванда, дарки равандҳои паҳншавии назария ва амалияи ифротгароӣ дар минтақа ғайриимкон аст.

Мавриди зикр аст, ки ифротгароии ҷавонон дар минтақаи Осиёи Марказӣ феълан марҳилаи мазмунан нави таҳаввули хешро аз сар мегузаронад. Тамоилоти нав ҳам дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва ҳам руйи об баромадани омилҳои дохилӣ фаъол гардидаанд.

Вазифаи ошкор сохтани воситаҳои босамари безараргардонии таҳдиди ифротгароии ҷавонон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба бисёр сабабҳо хеле душвор аст. Аз як тараф, таҳияи воситаҳои муқовимат ба таҳдидҳои муосир, аз ҷумла ифротгарой дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳам хеле душвор ба назар мерасад. Мутаассифона, то ҳол дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дастури ягонаи танзими масъалаи таҳқиқшаванда вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин иддае аз давлатҳо таҷрибаи амалии назаррасро дар самти мубориза самаранок алайҳи ин таҳдидот, пеш аз ҳама дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна ба даст овარданд. Таҷрибаи онҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, бо дарназардошти мавҷудияти як қатор вижагиҳо ва омилҳои ҳамгуни барои зуҳури ҷунбишҳои исломгаро мусоид хеле муҳим аст. Аз ҷониби дигар, вижагиҳои рушд ва густариши ифротгароии ҷавонон дар баъзе кишварҳои Осиёи Марказӣ зарурати ошкор сохтани роҳҳои хоси рафъи мушкилоти таҳқиқшавандаро тақозо мекунанд.

**Навгонии илмии** таҳқиқот бо талаботи айнан ба миён омадаи коркарди тавсияҳои амалӣ барои боло бурдани самаронокии воситаҳои таъмини амнияти давлатҳои минтақа дар шароити ташдиди ноустувории сиёсати хориҷии давлатҳо дар қаринаи густариши таҳдиди ифротгароии ҷавонон асоснок мешавад. Таҳияи барномаи амалии безараргардонии хатарҳои мазкур, дар заминаи таҳлили интиқодии асарҳои илмии марбут ба масъалаи ифротгароии диниву сиёсии ҷавонон, арзёбии воситаҳои мавҷудаи таъмини амнияти миллии давлатҳои минтақа ба амал бароварда шудааст. Дар рафти гузаронидани таҳқиқот чунин натиҷаҳои нав ба даст оварда шуданд:

- муаллиф омилҳо ва сабабҳои ба вуҷуд омадани падидаи ифротгарой кушода, дар доираи дастгоҳи мафҳумӣ истилоҳот ва мафҳумҳои наздик ва мутобиқ ба ифротгароиро пешниҳод кардааст;

- моҳияти ифротгароии ҷавонон дар чаҳорчубаи ифротгарой муайян карда шуда, дар доираи ифротгароии мазҳабиву сиёсӣ вазъи ҳоким доштани ифротгароии исломӣ асоснок карда шудааст;

- омилҳои асосии тавсеаи ифротгароии диниву сиёсии ҷавонон ошкор карда шуда, дар асоси таҳлили омилҳои номбурда воситаҳои густариши падидаи мазкур дар ҷаҳони муосир мушаххас гардидааст;

- сабабҳо ва омилҳои асосии ба паҳншавии ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ мусоидаткунанда муайян, марҳилаҳои паҳншавии зуҳуроти мазкур дар сатҳи минтақавӣ ва дар сатҳи кишварҳо мушаххас карда шудаанд;

- дар заминаи таҳлили муқоисавии тавсеаи зуҳуроти мазкур дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои мушобеҳи Шарқи Наздик ва Миёна, манзара ва ё нақшаи эҳтимолии рушди хатари ифротгароии мазҳабиву сиёсии ҷавонон дар кишвар пешниҳод шудааст;

- дар заминаи равиши маҷмуӣ омӯзиши масъалаи ифротгароии ҷавонон, кушиши таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати муқовимат бо паҳншавии хатари таҳқиқшаванда дар қаринаи масоили амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** Ҳамчунин маводи асосии рисолаи илмии мазкур барои муаррихон, шарқшиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва мутахассисони сохторҳои гуногун, ки бо зуҳуроти мазкур сару кор доранд, тавсия карда мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои онро метавон дар таҳияи роҳу усулҳои санҷидашуда ва самараноки мубориза алайҳи ифротгароӣ дар мамлакати мо истифода бурд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳақиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки тавсеаи ҳудудҳои мавҷудият ва болоравии ифротгароии ҷавононро на танҳо бо ангезаҳои зиёди ба дастгирии он бедоркунанда метавон шарҳ дод. Гап боз дар сари он аст, ки ба муқобили ифротгароӣ корҳои тарбиявӣ- фаҳмондадиҳӣ, ки ба таври аёнӣ паҳлуҳои сершумори рафтори ифротгароёнаи ҷавононро нишон медиҳанд, суст гузошта шудаанд. Ҷавонон то ҳол зарари ба шахс, ҷомеа, давлат расондани ифротгароии дар муҳиташон паҳн гардидаро пурра ҳис накардаанд. Мутассифона, давлат ва ҷомеа дар ин масъала мавқеи комилан

якхела надоранд, бисёр вақт нисбати ифротгароии ҷавонон бетафовутанд, ба нақши мушоҳиди ғайрифаъоли инкишофи зуҳуроти хатарноки иҷтимоӣ дар муҳити ҷавонон мепайванданд.

Мавод ва усулҳои таҳқиқоти диссертатсиони истифодашуда ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд. Вобаста ба натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва тасдиқи расмӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои Оинномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳқиқи диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудаанд, мутобиқат менамоянд.

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Муҳтавои диссертатсия дар 11 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи Комиссияи илмии атетстатсинии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда инъикос мегардад:

[1-М] Гайратова, Ф. А. Религия и безопасность [Текст] / Ф. А. Гайратова, А. И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: Сино, - 2013 №3/6 (121). – С. 121-125.

[2-М] Гайратова, Ф.А. Религиозное понимание безопасности [Текст] / Ф. А. Гайратова, А. И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: - 2013. - №3/7 (124). – С. 150-155.

[3-М] Гайратова, Ф. А. Религиозный экстремизм [Текст] / Ф. А. Гайратова, А. И. Муминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: - 2014. - № 3/4 (139). – С. 124-128.

[4-М] Гайратова, Ф. А. Религиозный фактор и проблемы политической безопасности [Текст] / Ф. А. Гайратова // Вестник Таджикского

национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: - 2014. - №3\7 (148). – С. 177-183.

[5-М] Гайратова, Ф. А. Джихад [Текст] /Ф. А. Гайратова // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. –Душанбе: - 2014. - №3\9 (154). – С. 163-167.

[6-М] Гайратова, Ф. А. Религиозный экстремизм и информационная безопасность Республики Таджикистан [Текст] / Ф. А. Гайратова // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: - 2015. - №3/3 (166). – С. 157-161.

[7-М] Ғайратова, Ф.А. Хуруҷи неруҳои НАТО аз Афғонистон ва пешомади инкишофи воқеаҳо дар минтақа [Матн] / Ф. А. Ғайратова, Х. Д. Самиев. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ– Душанбе: - 2015. - №3/10 (188). - С. 221-226.

[8-М] Гайратова, Ф. А. Причины проявления и усиления религиозного экстремизма и терроризма в Таджикистане [Текст] / Ф. А. Гайратова. // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: - 2015. - №2/6 (175). – С. 228-235.

[9-М] Гайратова, Ф.А. Причины и факторы проявления радикализма молодёжи в Таджикистане [Текст] / Ф. А. Гайратова. // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе: - 2017. - № 2\3. – С. 309-313.

[10-М] Ғайратова, Ф.А. Мавҷи шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ: сабабҳо ва пайомадҳо. [Матн] / Ф. А. Ғайратова. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: - 2018. - №6, Ҷ 2. – С. 298-302.

[11-М] Ғайратова, Ф.А. Терроризми байналхалқӣ: моҳият ва ҷанбаҳои омӯзиш. [Матн] / Ф. А. Ғайратова. // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: - 2019. - №10, Ҷ 2. – С. 51-54.

Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшудаи Ғайратова Фотима Асламшоевна таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва пурра анҷомёфта мебошад. Унвонҷӯ вазифаҳои гузошташударо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24-уми октябри соли 2020 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” – 11 нафар; “бетараф” – нест, “зид” – нест.

Протоколи № 2 аз 24-уми октябри соли 2020.

**Декани факултети муносибатҳои байналхалқӣ н.и.т., дотсент** **Х.Д. Самиев**

**Имзои Х.Д. Самиевро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**